Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 июли соли 2014, № 436
тасдиқ шудааст

# Қоидаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти назораткунандаи гузаргоҳҳои автомобилӣ тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи принсипи "Истгоҳи ягона"

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.11.2019 № 568)

1. Қоидаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти назораткунандаи гузаргоҳҳои автомобилӣ тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи принсипи "Истгоҳи ягона" (минбаъд - Қоидаҳо) фаъолияти якҷояи воҳидҳои сохтории Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти гумрук), Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мақомоти назорати нақлиёт), Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти назорати байторӣ, фитосанитарӣ ва карантини растанӣ) ва Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти назораткунанда) ҳангоми мавриди амал қарор додани назорати интиқоли автомобилҳои боркаш ва автобусҳои ватанию хориҷӣ дар гузаргоҳҳои Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - гузаргоҳҳои автомобилӣ), ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, муайян менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.11.2019 № 568)*.

2. Ҳамоҳангсозии (ташкили кори) фаъолияти мақомоти назорати нақлиётӣ, мақомоти назорати байторӣ, фитосанитарӣ, карантини растанӣ ва санитарию карантинӣ дар гузаргоҳҳо, ба зиммаи мақомоти гумруки дар гузаргоҳ воқеъбуда вогузор мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.11.2019 № 568)*.

3. Назорати воситаҳои нақлиёти автомобилии аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда аз ҷониби мақомоти назораткунандаи дар гузаргоҳ воқеъбуда, аз рӯи принсипи "Истгоҳи ягона" ба амал баровarda мешавад.

4. Мақомоти назораткунанда вазифаҳои худро дар гузаргоҳҳои автомобилӣ тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намуда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

5. Реҷаи кории мақомоти назораткунандаи гузаргоҳҳо аз ҷониби ҳамин мақомот ба мувофиқа расонида шуда, назорати риояи он бошад, тибқи талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи гузаргоҳҳо тавассути Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 1998, № 541 тасдиқ шудааст ба роҳ монда мешавад.

6. Ҳангоми воруд ва хуруҷ гардидани воситаи нақлиёт ба/аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузаргоҳ аз ҷониби мақомоти гумрук талон оид ба гузаштан аз назорати давлатӣ (минбаъд - талон) дар ду нусха аз рӯи шакли муқарраргардида (замимаи 1) дода мешавад.

7. Баъди ба анҷом расидани назорат яке аз талонҳо дар мақоми гумрукӣ дар гузаргоҳ боқӣ мемонад.

8. Дар ин сурат як нусхаи талон пас аз ба итмом расидани назорат ба интиқолдиҳанда ё шахси масъули мол супурда мешавад.

9. Тайёр намудан, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии талонҳо ба зиммаи мақомоти гумрук гузошта мешавад.

10. Талонро мақомоти гумрук (бо тарви чопӣ дар типография ё дар компютер бо шакли (формати) А4) интишор менамояд ва ба интиқолдиҳандагон ройгон медиҳад.

11. Шахси мансабдори мақоми гумрукӣ ҳангоми пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ (марбут ба ҳамлу нақл) дурустии онҳоро санҷида мебарояд ва баъди бақайдгирӣ дар Дафтари бақайдгирӣ оид ба гузаштани назорати давлатӣ дар гузаргоҳ (замимаи 2) ба шахсони мансабдори дигар мақомоти назораткунанда тибқи салоҳияти муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои санҷиш ва гузоштани қайдҳои дахлдор месупорад.

12. Шахсони мансабдори мақомоти назораткунанда ҳангоми санҷиши ҳуҷҷатҳо дар талон қайдҳоро оид ба вақти оғозу анҷоми расмиёти назорат мегузоранд. Расмиёти мазкур новобаста ба мураккабии худ барои ҳама мақомоти назораткунанда наметавонад аз як соат зиёд бошад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.11.2019 № 568)*.

13. Ҳангоми гузаронидани ин ё он намуди назорати давлатӣ ба кашолкории беасоси мӯҳлати иҷрои он роҳ дода намешавад. Мӯҳлати гузаронидани чунин назорат бояд дар доираи вақти муайяншудаи Қоидаҳои мазкур ба анҷом расонида шавад.

14. Мақомоти гумрук дар якҷоягӣ бо дигар мақомоти назораткунанда ҳамарӯза шумораи воситаҳои нақлиёти автомобилии аз гузаргоҳ интиқолшударо муқоиса менамояд, инчунин Дафтари бақайдгирӣ ва назорати воситаҳои нақлиётро мебарад.

15. Ҳангоми ошкор шудани риоя нагаштани меъёрҳои созишномаҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби интиқолдиҳандагон ва ронандагони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, мақоми назораткунандаи вайронкуниро ошкор намуда дар ин бора дигар мақомоти назораткунандаро огоҳ менамояд ва оид ба қарори қабулшуда ҳам дар талон ва ҳам дар Дафтари бақайдгирӣ ва назорати воситаҳои нақлиёти автомобилӣ қайди дахлдор менамояд.

16. Дар ин сурат хар ду нусхаи талон аз истифода баровварда мешавад ва барои нигаҳдорӣ дар мақоми гумрукӣ монда мешавад.

17. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолати риоя накардани меъёрҳои пешбининамудаи Қоидаҳои мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

18. Пас аз анҷомёбии гузаштани назорати ҳуҷҷатҳо шахси мансабдори мақоми гумрукӣ азназаргузаронии якҷояи воситаи нақлиёт ва молро ташкил мекунад ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо истифода аз усули идораи таваккал оид ба муоинаи якҷояи воситаи нақлиёт ва мол қарор қабул намуда, дар ин бора санади азназаргузаронии якҷоя ва ё санади муоинаи якҷояро (замимаҳои 3 ва 4) тартиб медиҳад, ки он бояд дар Дафтари бақайдгирии санадҳои азназаргузаронӣ ва муоинаи якҷоя (замимаи 5) дарҷ карда шавад.

19. Азназаргузаронӣ ва муоинаи молу воситаи нақлиёт бо иҷозат ва таҳти назорати мақомоти гумрук танҳо дар минтақаи назорати гумрукӣ ба амал баровварда мешавад.

20. Мақоми гумрук ба расмиёти азназаргузаронӣ ва муоинавӣ танҳо намояндагони мақомотеро ҷалб менамояд, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ салоҳияти назоратбарии молу воситаи нақлиёти интиқолшаванда ба зиммаи онҳо гузошта шудааст.

21. Дар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидани воситаҳои нақлиёт ва молро берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, чунин қарор дар мувофиқа бо ҳама мақомоти назораткунанда қабул гашта, дар ин бора Санади баргардонидани воситаи нақлиёт ва мол (замимаи 6) дар ду нусха аз рӯи шакли муқарраршуда тартиб дода мешавад.

Замимаҳо 1-6

Замимаи № 1
ба Қоидаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти
мақомоти назораткунандаи гузаргоҳҳои
автомобилӣ тариқи сарҳади гумрукии
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи
принсипи "Истгоҳи ягона"

Талон оид ба гузаштан аз назорати давлатӣ дар гузаргоҳи ______________________________

Гузаргоҳ________________________________
"___"__________соли 20__
Воситаи нақлиёти автомобилӣ____________
Рақами бақайдгирии воситаи нақлиёт __________ядак ___________
Хатти сайри воситаи нақлиёт__________________________________________
Номгӯ ва вазни бор (шумораи мусофирон) _____________________________

Назорати сарҳадӣ

Соати_____дақиқа_____
(оғози назорат )
Соати_____дақиқа_____
(анҷоми назорат)
Қарори қабулшуда ___________
______________________________
(мӯҳр ва имзо)

Назорати санитарию эпидемиологӣ

Соати_____дақиқа_____
(оғози назорат)
Соати_____дақиқа_____
(анҷоми назорат)
Қарори қабулшуда _______
______________________________
(мӯҳр ва имзо)

Назорати байторӣ

Соати_____дақиқа_____
(оғози назорат)
Соати_____дақиқа_____
(анҷоми назорат)
Қарори қабулшуда ___________
______________________________
(мӯҳр ва имзо)

Назорати фитосанитарӣ

Соати_____дақиқа_____
(оғози назорат)
Соати_____дақиқа_____
(анҷоми назорат)
Қарори қабулшуда _______
______________________________
(мӯҳр ва имзо)

Назорати гумрукӣ

Соати_____дақиқа_____
(оғози назорат)
Соати_____дақиқа_____
(анҷоми назорат)
Қарори қабулшуда ___________
______________________________
(мӯҳр ва имзо)

Назорати нақлиётӣ

Соати_____дақиқа_____
(оғози назорат)
Соати_____дақиқа_____
(анҷоми назорат)
Қарори қабулшуда _______
______________________________
(мӯҳр ва имзо)

Замимаи № 2
ба Қоидаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти

мақомоти назораткунандаи гузаргоҳҳои
автомобилӣ тариқи сарҳади гумрукии
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи
принсипи "Истгоҳи ягона"

Дафтари
бақайдгирии талонҳо оид ба гузаштан аз назорати
давлатӣ дар гузаргоҳи___________________________

| № тар- тибӣ | Маълумот дар бораи интиқолдиҳанда | Рақами давлатии воситаи нақлиёт | Ному насаби шахси мансабдор, ки бақайдгириро анҷом додааст | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| | | | | |
| | | | | |

Замимаи № 3
ба Қоидаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти
мақомоти назораткунандаи гузаргоҳҳои
автомобилӣ тариқи сарҳади гумрукии
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи
принсипи "Истгоҳи ягона"

Санад
дар бораи азназаргузаронии якҷояи мол ва воситаҳои нақлиёт
№000000/000000/000000*

Санади мазкур аз ҷониби шахсони (шахси) мансабдори мақоми гумрукӣ
________________________________________________________________
(ному насаб, вазифа)
________________________________________________________________

бо иштироки ____________________________________________________
(насаб, ном ва номи падари шахсони мансабдор мансаб,
номи мақомот, муҳр)
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

тартиб дода шуд дар он хусус, ки азназаргузаронии мол ва воситаи нақлиётро гузаронидаанд, ки аз ҷониби боринтиқолдиҳанда
________________________________________________________________
________________________________________________________________
аз (ба)__________________ба суроғаи
борқабулкунанда_________________________________________________
бо ҳуҷҷатҳои ___________________________________________________
________________________________________________________________

________________________________________________________________,
Маҳалли
азназаргузаронӣ_________________________________________________

Дастаи (партияи) молҳо иборат аз_______ҷой пешниҳод гардид. Вазни

умумӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳо____________кг.

Дар натиҷаи азназаргузаронӣ муайян гардид:
Вазни ҳақиқии мол (брутто)_____кг,
Воситаҳои наклиёт/қуттиҳо(контейнерҳо) №№
___________________________________________________

бо воситаҳои таъмини гумрукии __________№____, _____________адад

воситаҳои таъмини гумрукии : ( ) вайрон карда шудаанд ( ) вайрон карда нашудаанд

_________________________________________________________________
_________________________________________________________________
_________________________________________________________________
_________________________________________________________________

(ҳаммонандсозии молҳо ва дигар маълумотҳои натиҷаи азназаргузаронӣ)

Воситаи таъмини гумрукии ____№____ ба миқдори____адад гузошта шуд.

Шахсони(шахси) мансабдор :________________________________
(вазифа, ному насаб, имзо ва
__________________________________________________________________
мӯҳри рақамдори шахсӣ)

Ҳузур доштанд:
__________________________________________________________________
(ному насаб, вазифа, имзои декларант, ё дигар шахсони нисбати молҳо ваколатдор,
__________________________________________________________________
ё боркашон, ё шахсони холис)
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________

Вакти анҷоми азназаргузаронӣ ___________________
(соат, дақиқа)

Варақаи _____/_________
Нусхаи дуюми санади азназаргузаронии мол ва воситаи нақлиётро гирифтам____________________________________

*Аломати 000000/000000/000000
1 2 3

1 - рамзи рақамии мақомоти гумрук мутобиқи Таснифгари рамзҳои мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2 - рӯз, моҳ ва ду рақами охири соли ҷорӣ;
3 - рақами тартибӣ аз рӯи Дафтари бақайдгирии санадҳои азназаргузаронии якҷояи мол ва воситаҳои нақлиёт

Варақаи иловагӣ
ба Санади азназаргузаронии якҷояи №___ аз " " _______ соли 20__

Дар натиҷаи азназаргузаронӣ муайян карда шуд, ки:
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________
__________________________________________________________________

Шахсони(шахси) мансабдор :________________________________
(вазифа, ному насаб, имзо ва

мӯҳри рақамдори шахсӣ)
Ҳузур доштанд:

(ному насаб, вазифа, имзои декларант ё дигар шахсони нисбати молҳо ваколатдор,

ё интиқолдиҳанда, ё шахсони холис )

Замимаи № 4
ба Қоидаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти назораткунандаи гузаргоҳҳои автомобилӣ тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи принсипи "Истгоҳи ягона"

Санад

дар бораи муоинагузаронии якҷояи мол ва воситаҳои нақлиёт №000000/000000/000000*

Санади мазкур аз ҷониби шахсони (шахси) мансабдори мақомоти гумрук

(ному насаб, вазифа)

бо иштироки ____________________________________________________
(насаб, ном ва номи падари шахсони мансабдор мансаб, номи мақомот, муҳр)

тартиб дода шуд дар он хусус, ки муоинаи мол ва воситаи нақлиётро гузаронидаанд, ки аз ҷониби боринтиқолдиҳанда

аз (ба)__________________ба суроғаи
борқабулкунанда________________________________________
бо ҳуҷҷатҳои _____________________________________________________

_______________________________________________________________________,

Маҳалли
муоинагузаронӣ________________________________________________________

Дастаи (партияи) молҳо иборат аз________ҷой пешниҳод гардид. Вазни умумӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳо____________кг.

Дар натиҷаи муоина муайян гардид:
Вазни ҳақиқии холиси мол (нетто)____кг, вазни умумӣ (брутто)___кг, ки бо тариқи зерин ҳисоб карда шуд:
- () баркашидан
- () муайян намудани вазни миёнаи як ҷой бо баркашидани _____ ҷой
- () ҳисоб намудан
- () љайра.
Воситаҳои нақлиёт/контейнерҳо№№
___________________________________________________
бо воситаҳои таъмини гумрукии __________№____, __________________ адад

воситаҳои таъмини гумрукии : ( ) вайрон карда шудаанд ( ) вайрон карда нашудаанд
_________________________________________________________________
_________________________________________________________________
_________________________________________________________________
_________________________________________________________________
(сабабҳои гузаронидани муоинагузаронӣ, ҳаммонандсозии молҳо ва дигар маълумотҳои натиҷаи муоинагузаронӣ)

Воситаи таъмини гумрукии _____№____ ба миқдори____адад гузошта шуд.

Шахсони (шахси) мансабдор :________________________________
(вазифа, ному насаб, имзо ва
_________________________________________________________________
мӯҳри рақамдори шахсӣ)
Ҳузур доштанд:
_________________________________________________________________
(ному насаб, вазифа, имзои декларант, ё дигар шахсони нисбати молҳо ваколатдор,
_________________________________________________________________
ё интиқолдиҳанда, ё шахсони холис )
_________________________________________________________________
_________________________________________________________________
_________________________________________________________________

Вакти анҷоми муоинагузаронӣ ___________________
(соат, дақиқа)

Варақаи _____/_________
Нусхаи дуюми санади муоинагузаронии мол ва воситаи нақлиётро гирифтам____________________________________

*Аломати 000000/000000/000000
1 2 3

1 - рамзи рақамии мақомоти гумрук мутобиқи Таснифгари рамзҳои мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2 - рӯз, моҳ ва ду рақами охири соли ҷорӣ;
3 - рақами тартибӣ аз рӯи Дафтари бақайдгирии санадҳои

муоинагузаронии якҷояи мол ва воситаҳои нақлиёт

Варақаи иловагӣ
ба Санади муоинагузаронии якҷояи №___ аз "  " ______ соли 20__

Дар натиҷаи муоина  муайян карда шуд,ки:

________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________

Шахсони(шахси) мансабдор :________________________________
(вазифа, ному насаб, имзо ва
________________________________________
мӯҳри рақамдори шахсӣ)

Ҳузур доштанд:
________________________________________
(ному насаб, вазифа, имзои декларант ё дигар шахсони нисбати молҳо ваколатдор,
________________________________________
ё интиқолдиҳанда, ё шахсони холис)
________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________

Замимаи № 5
ба Қоидаҳои  ҳамоҳангсозии фаъолияти
мақомоти назораткунандаи гузаргоҳҳои
автомобилӣ тариқи сарҳади гумрукии
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи
принсипи "Истгоҳи ягона"

Дафтари
бақайдгирии санадҳои азназаргузаронӣ ва муоинагузаронии
якҷояи мол ва воситаҳои нақлиёт

| № тартибӣ | Рақами санади азназаргузаронӣ ё муоинагузаронӣ | Рақами давлатии воситаи нақлиёт | Маълумот дар бораи интиқолдиҳанда | Ному насаби шахси мансабдор, ки бақайдгириро анҷом додааст | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

Замимаи № 6
ба Қоидаҳои  ҳамоҳангсозии фаъолияти
мақомоти назораткунандаи гузаргоҳҳои
автомобилӣ тариқи сарҳади гумрукии

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи
принсипи "Истгоҳи ягона"

Санад
дар бораи баргардонидани мол ва воситаҳои нақлиёт

"___"_________соли 20__

Гузаргоҳ___________________________
Номи интиқолдиҳанда_____________________________________________
Рақами бақайдгирии воситаи нақлиёт________________________________
Номгӯи мол (вазн, миқдор)__________________________________________

_____________________________________________________________________

Молқабулкунанда
_____________________________________________________________________

Сабаби баргардонидан
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________________

Имзоҳои мақомоти назораткунанда (ному насаби шахсони мансабдор, вазифа, номи мақомот, мӯҳр )
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________________
_____________________________________________________________________